**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод гардидааст. – Душанбе, 2026. – 183 с.**

Полифонияи тоҷик – зодаи асри ХХ, қирши ифтихории мусиқии касбии академии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки эҳтимол дар Тоҷикистон композиторе нест, ки ба ин жанри мураккаб рӯ наоварда бошад. Вале, мутаассифона, дар илми мусиқишиносӣ таҳқиқи он хеле нодир ба чашм мерасад. Ва то ҳол бо як-ду кори диссертатсионӣ маҳдуд аст. Бинобар ин, мавзуъи кори диссертатсионии Бахтиёр Убайдзода дар мусиқишиносӣ хеле мубрам аст.

Кори диссертатсионии унвонҷӯи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов – Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами мусиқишиносии фундаменталӣ – таҳқиқи ҳалли композитсионӣ дар асари мушаххаси полифонӣ бахшида шудааст.

Дар шароити рушди илми мусиқишиносии тоҷик ва таваҷҷуҳи афзояндаи ҷомеа ба мусиқии касбӣ, аз ҷумла, дастовардҳои композиторони Тоҷикистон дар асри XX-XXI, ки давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳисобида мешавад, таҳқиқи татбиқи масъалаҳои фундаменталии илми мусиқишиносӣ дар осори композиторони тоҷик барои ташаккули минбаъда ва ривоҷу равнақ ёфтани мусиқишиносии тоҷик дар ибтидои асри XXI яке аз иқдомҳои бениҳоят муҳим аст. Зеро, ки мафҳуми «ҳалли композитсионӣ», ки диссертант интихоб кардааст, ба навъи таҳлили сохторӣ-мантиқии асари мусиқӣ тааллуқ дорад. Он рукнҳои асосии таҳлилиро дар мусиқӣ дар бар мегирад. Ва барои як қатор навъҳои асосии таҳқиқ судманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши рукнҳои асосии таҳлили мусиқишиносӣ ва нишон додани онҳо дар мисоли асарҳои мушаххаси композитори тоҷик худ ин як пешравии таҳқиқист.

Диссертант мақсади таҳқиқоти худро хеле мушаххас ва илмӣ муайян намудааст: таҳқиқи ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор мебошад. Зеро, ки объекти таҳқиқот дар умум, мусиқии полифонии композитори тоҷик Фирӯз Баҳор буда, мавзуъи таҳқиқот – бузургсилсилаи полифонии 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд»-и Фирӯз Баҳор аст. Чунин интихоб мантиқи равшанро ифода менамояд. Албатта, бо чунин масъалагузорӣ, диссертант мебояд ба мақсад иқдомҳои пайопайро амалӣ гардонад ва онҳоро муаллифи таҳқиқот чунин иброз намудааст: радабандии жанрии 24 силсилаи хурд, муайян кардани хусусиятҳои силсилаҳои хурди академӣ ва силсилаҳои хурд бо асоси миллӣ дар шохаҳои жанрии онҳо, таҳқиқи силсилаҳои хурд аз ҷиҳати рабти онҳо бо услуб ва жанрҳои таърихии полифонӣ; равшан намудани мушаххасиёт техникаи сабкҳои полифонӣ ва асоси жанрии ҳар як силсилаи хурд.

Диссертант таваҷҷуҳи хоссаро ба муайян кардани унсурҳои мусиқии суннатии тоҷик дар 24 силсилаи хурд равон намудааст. Ва ниҳоят ҳамчун хулосаҳои худ ӯ навгониҳоро дар жанри бузургсилсилаи Ф. Баҳор қайд карда, мекӯшад услуби полифонии композиторро дар умум муайян бикунад ва сониян, дар бораи мавқеи бузургсилсила дар мусиқии композитории Тоҷикистон натиҷагирӣ мекунад. Бо чунин роҳи таҳлил диссертант амалан дид ва услуби талқини композиторро нисбат ба жанри бузургсилсилаи полифонӣ рӯи коғаз меоварад.

Дар асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба коркарду консепсияҳои полифонии мусиқишиносии ватанӣ ва хориҷӣ (1), коркардҳои навини фаннӣ, ки ба полифонияи муосир тааллуқ доранд (2), инчунин корҳои муҳаққиқони осиёимарказӣ (3) такя карда, диссертант як-як ҳар як диди мусиқишиносиро оварда, муқоиса намуда, натиҷагирӣ намудааст. Чунин амали корбарии диссертант аз шиносоӣ ва омӯзиши консепсияҳои асосии полифония шаҳодат дода, аз сатҳи дониши ӯ далолат медиҳад.

Диссертант дар ин раванд назари худро ба таҳлили муфассали се таҳқиқи диссертатсионӣ бахшида ба полифонияи тоҷик, ки ба мусиқишиносон М. Дрожжина, Ф. Мухторова ва П. Тончук тааллуқ доранд, бахшида, оид ба ҳар як хулосаи худро иброз намудааст.

Дар боби аввали кори диссертатсионӣ «Рушди силсилаи полифонӣ дар мусиқии композитории ҷаҳон ва Тоҷикистон – заминаи ташаккули бузургсилсила», ки иборат аз ду фасл мебошад, диссертант заминаи услубӣ ва жанрии асари интихобиро муайян менамояд. Равиши таҳлилу таҳқиқ дуруст пешниҳод мегардад. Он аз фаҳмиши мафҳумӣ-истилоҳӣ оғоз гардида, ба

воситаи дастовардҳои мусиқии академии ҷаҳонӣ дар соҳаи полифония тадриҷан ба таҳлили бевоситаи асарҳои полифонии композиторони Тоҷикистон барои фортепиано мегузарад. Дар ин равиш диссертант пайдарҳамии таҳқиқиро ба ҷо оварда, саъй кардааст, тамоми нозукиҳои ҷустуҷӯҳои эҷодии мусиқии композитории ҳам ҷаҳонӣ ва ҳам тоҷикро таъкид намояд. Ва бояд гуфт, ки дар ин ҳадаф муваффақ гаштааст.

Таҳқиқу таҳлили бевоситаи бузурсилсилаи 24 прелюдия ва фуга аз боби дуюм, қабл аз ҳама бо баёни коркардҳои зерини диссертант оғоз мегардад:
Якум, баҳри корбарии возеҳ шартан қабул кардани истилоҳи «силсилаи хурди суннатӣ» («бузургсилсилаи суннатӣ») ва барои таркиботи дигари он – «силсилаи хурди ғайрисуннатӣ» («бузургсилсилаи ғайрисуннатӣ»),
Дуюм, барои ифодаи ду манбаи асосӣ дар эҷоди асар, хусусан фуга, аз тарафи диссертант ба ду гуруҳ тақсим кардан ва номгузорӣ намудани ин ду гуруҳ ҳамчун гуруҳҳои «академӣ» ва «миллӣ».

Ва чунин корбариро диссертант бо мантиқи зерин асоснок менамояд, ки жанри полифонии бузургсилсила – зодаи полифонияи мусиқии академӣ асту муаллифи бузургсилсила дар он бо забони тоҷикӣ сухан гуфтааст.

Аз ҳамин нуқтаи назар дар кори диссертатсионӣ фугаҳои академӣ, дар умум силсилаҳои хурд, ҳамчун навъҳои классикӣ, ғайриклассикӣ, импровизатсионӣ, силсилаҳои хурд бо баёни импровизатсионӣ дар прелюдия, бо дороии фугаи ҷазӣ, техникаи авангардӣ ва портретӣ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Диссертант таҳлили муфассали ҳар як силсилаи хурдро оварда, дар онҳо бартарии унсурҳои асосии шаклсозӣ ё лаҳнӣ-тоналӣ, ё вазнӣ-зарбиро дар хати рушди композитсионӣ-драматургӣ муайян кардааст.

Диссертант ба навъи академӣ ҳамагӣ 13 силсилаи хурдро мансуб донистааст. Рафти таҳлилии диссертант гунаҳои зиёди радабандии жанриро дар бар мегирад. Дар ин раванд диссертант ба ҳайси меъёри асосии муайянкунанда фугаи силсиларо асос меҳисобад ва ин мантиқи хуб дорад, зеро ки жанри сирф полифонии силсилаи хурд фуга аст. Бинобар ин, дар ҷараёни таҳлил ӯ муайян менамояд, ки бузургсилсила аз рӯи шумора навъҳои фугаҳои дуовоза, сеовоза, чаҳоровоза, панҷовоза ва шашовозаро фаро гирифтааст. Тибқи мураккабиёти композитсионӣ диссертант силсилаи хурдро бо дороии фугаи дукаратаву секарата ва аз ҷиҳати сохторӣ байни онҳо фугаҳои яккисма, дуқисма ва сеқисмаро муайян намудааст.

Дар рафти таҳлил диссертант радабандиҳои ҷойдоштаро ба якдигар муқоиса мекунад ва силсилаҳои хурди академиро бо такя ба радабандии

мусиқишиноси узбек Ф.Ш. Мухторова ба силсилаҳои тазод, ягона ва мавзӯӣ тааллуқ медонад.

Дар умум доир ба силсилаҳои хурди академӣ диссертант онро қайд мекунад, ки композитор Ф. Баҳор ҳар як силсиларо бо хоссагиҳои алоҳида офаридааст. Ба гуфтаи диссертант, дар онҳо, ҳарчанде аз як тараф васила ҳои полифонии стретто, муқобилбаёнҳои боздоштӣ, контрапунктиву ҳамоҳангӣ, интермедияҳои васливу хотимавӣ, гузароиҳои аксӣ бо тазодии тембрӣ, контрапунктӣ, регистрӣ бамавриду бамантиқ истифода бурда бошад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои услубии композиторе, ки асар ба ӯ бахшида шудааст ва ё хоссагиҳои равияҳои бадеии замон ҳатман нишон дода мешаванд. Дар ин нукта диссертант татбиқи ду унсури таҳлилро бар асос гирифтааст: принсипи услубӣ ва принсипи таърихиро. Ва ин назари тадқиқии диссертантро чанд маротиб зиёд мегардонад. Зеро, ки ин ду принсипи таҳлилӣ ҳамеша дар мусиқишиносӣ пешрав буданд.

Таъкиди дисертант дар ин маврид он аст, ки симои Оливйе Мессианро композитор Ф. Баҳор то дараҷае аз ҷиҳати услуб дурахшонидааст, ки силсилаи хурди Баҳор сазовори унвони «Парранда» гаштааст (дисс. саҳ. 71). Диссертант дар таҷассуми Мессиан дарҷи ду самтро мушоҳида мекунад, ки ҳарду ба самтҳои фаъолияти Мессиан рост меоянд: композитор-орнитолог ва композитор-авангард. Диссертант хеле дуруст василаҳои зеридастии Оливйе Мессианро дар асари Фирӯз Баҳор қайд мекунад: навъи импровизатсионӣ, василаҳои лаҳнии атоналӣ, техникаи серияӣ бо прелюдияи импровизатсионӣ ва фугаи дорои сароҳанги серияӣ, асоси оҳангӣ бо тақлид ба сароиши паррандагон, асоси зарбии хеле озоди импровизатсионӣ, ҳамзамон фаровонии унсурҳои рушди полифонии контрапункт, ракоход, стретто ва дигар. Бузургии Ф. Баҳорро диссертант дар он мебинад, ки бо вуҷуди истифодаи ин василаҳои авангардии номбурда, композитор тавонистааст фугаро сеовоза, дар сохтори дуқисмаи оддӣ ба таври классикӣ пешниҳод бикунад. Аз ин таҳлил диссертант ба хулосае меояд, ки Фирӯз Баҳор худ композитор-орнитолог ва композитор-авангард аст. Зеро ки ӯ бо чунин осонӣ тавонист симои Мессианро муаррифӣ намояд. Ин диди диссертант, ки дар рафти таҳлил назари худро нисбат ба ҳадафи худ устувор нигоҳ медорад, ин ҷо бештар ба композитор Баҳор равона мекунад, яке аз хусусиятҳои хуби муҳаққиқ ба шумор меравад. Ман, ҳамчун муқарриз инро қайд накарда наметавонам.

Дар мавриди дигар, диссертант хусусияти замони пайдоиши силсиларо дар таълифи асари Баҳор дидааст. Ӯ қайд мекунад, ки «Прелюдия ва фугаи

As-dur (№17) ягона силсила аст, ки дар тақлиди анъанаҳои мусиқии клавесинии давраи Эҳёи аврупоӣ қарор мегирад. Хусусиятҳои бадеии ин замонро композитор бо унсурҳои гуногун дарҷ кардааст, аз ҷумла, ба ҷойи ду, дар он чор омил истифода мешавад, ки ба услуби навишти мусиқӣ барои клавесин ва дигар шастиҳои ин замон хос аст» (дисс. саҳ. 61). Дар ин нукта дониши худи диссертант дар бораи асарҳои полифонии давраи Эҳёи аврупоӣ мушоҳида мешавад. Зеро ки дар идома ӯ ҳатто жанри прелюдия – вариатсияро низ ба хусусиятҳои ин давра мансуб донистааст (дисс. саҳ.61-62).

Дар ҳақиқат, аз таърихи мусиқии академӣ маълум аст, ки маҳз ба давраи Эҳёи аврупоӣ гузариш аз мусиқии вокалӣ ба мусиқии созӣ хос аст. Дар ҳамин давра жанрҳои зиёди мустақили созӣ пайдо шудаанд. Ва амали интабулятсия хеле мубрам гардид ва талаботи замон ҷавобгӯ шуд. Онҳоро композиторон дар шаклҳои гуногуни табулатура менавиштанд. Ба ҳамин тариқ созҳои шастидор ба монанди клавесин, вёрҷинол, клавикорд ин замон бартарӣ пайдо карданд.

Нуктаи дуюме, ки диссертант ба он таваҷҷуҳ кардааст, дар жанри вариатсия омадани прелюдияи ин силсилаи хурд мебошад. Доир ба ин ҳам бояд гуфт, ки байни жанрҳои мусиқии созии давраи Эҳёи аврупоӣ дар баробари прелюдия, токката, фантазия, ричеркар ва кансона, инчунин жанри вариатсия остинато машҳур гардид. Аз ин рӯ, то имрӯз вариатсияҳои остинатоии композиторони асрҳои XVI – XVII Мактаби вёрҷиналистони англис ва испанӣ дар репертуари консертӣ мавқеи устуворро доранд.

Чунин нозукбинӣ ва хулосабарорӣ аз дониши заминавии диссертант дар фанни полифония далолат медиҳад.

Дар фугаҳои академии Ф. Баҳор диссертант ба он аҳаммият додааст, ки композитор аз бисёр тамоюли бадеии мусиқии академӣ истифода бурдааст. Доир ба ин диссертант ба фугаи ҷазӣ (Прелюдия ва фугаи H-dur, №11), ки нахустин бор онро ба мусиқии композитории Тоҷикистон композитор Фирӯз Баҳор даровардааст, аҳаммияти хосса медиҳад. Ӯ дар пешниҳоди Баҳор нигоҳ доштани табиати ҷазро дар полифония таъкид кардааст: «Композитор-пианинонавоз Фирӯз Баҳор бо дарки хуби ҷаз, ҷасурона онро ба силсилаи полифонӣ ворид карда, хусусияти ҷазиро қабл аз ҳама дар оҳанги озоду албонҷзанандаи номуназзамии зарбӣ, ки дар ин силсила пунктирӣ-триолӣ аст, тагнавозии яковозаи басӣ бо тақлид ба басгитара пешниҳод мекунад» (дисс., саҳ. 74). Дар идомаи чунин қайдҳои худ диссертант сароҳанги фугаро ҳамчун «оҳанги ҷазӣ» муайян карда, дар он низ хусусиятҳои ҷазиро, аз қабили

импровизатсионӣ, синкопавӣ, баёни озод ва бузургҳаҷмиро таъкид мекунад (дисс., мис. 76). Чунин гумон меравад, ки ҳар як силсилаи хурди академиро диссертант аз саҳифаҳои таърихи мусиқӣ ва услубҳои бадеии мусиқии академӣ ҷустуҷӯ намудааст.

Тавре маълум аст, Фирӯз Баҳор бузургсилсилаи хешро ба полифонисти маъруф Иоганн Себастиан Бах бахшидааст. Албатта, бо чунин арзи композитор муҳаққиқ накши мушаххаси силсилаи ба Бах бахшидаи Ф. Баҳорро бодиққат таҳқиқ менамояд. Ва диссертант аён мекунад, ки маҳз ба ин асар композитор кулминатсияи бузургасарашро рост оварда, барои Бах композитор Баҳор фугаи мураккабтаринро – фугаи панҷовозаи секаратаро бахшидааст. Бар замми ин мушоҳидаҳои диссертант ҷойгиршавии хотимавии силсилаи Бахро ба қабули он ҳамчун кулминатияи навъи «қуллаи уфуқӣ» (истилоҳи Л.Мазел) муайян кардааст. Дар ин талоши диссертант он муҳим аст, ки ӯ мафҳуми «қуллаи уфуқӣ» -ро на дар сатҳи як асар (ин ҷо силсилаи хурд), балки дар сатҳи дигари композитсионӣ – бузургсилсила муайян кардааст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертант назарияи мусиқишинос Е.В. Назайкинскийро дар бораи мантиқи композитсияи мусиқӣ хуб аз худ кардааст, зеро ки мафҳуми «сатҳи миқёсӣ» («масштабный уровень») дар илми мусиқишиносӣ аз тарафи ин муҳаққиқи варзида бо назарияи фавқуззикр пешниҳод гардида буд. Вале ин ҷо муҳим он аст, ки фаҳмиши дурусти диссертант ба ӯ имкон медиҳад, ин назарияро дар сатҳи силсила низ муайян бикунад.

Хулоса, диссертант дар рафти кори таҳқиии хеш назарияҳои асосӣ ва услубҳои таҳлилии фундаменталии илми мусиқишиносиро аз худ кардааст. Ва ин хеле хуб аст. Гумон дорем, ки ба чунин натиҷа ӯ бо истифодаи ҳамҷояи ба ӯҳда гирифтани машғулиятҳои амалӣ дар консерватория (тавре ки аз маълумоти диссертатсия бармеояд. Ниг. дисс. саҳ.9) ва ҳамзамон таҳқиқ кардани бузургсилсилаи Фирӯз Баҳор расидааст. Ба ин хулоса онро илова мекунем, ки имрӯз дар мусиқишиносӣ дониши мушаххаси (предметные знания) ҳам назариявӣ ва ҳам таърихӣ хеле баланд арзёбӣ мегарданд. Ва бояд қайд кард, ки диссертант дорои он аст.

Ҳамин тавр, дар кори таҳқиқӣ Б. Убайдзода доир ба силсилаҳои хурди академӣ ҳам таҳлил ва ҳам хулосаҳои дақикро ба даст овардааст.

Диссертант аз техникаи авангардӣ навъҳои какофонӣ, эвфонӣ, ғайридодекафонӣ (reihentechnic), алеаторӣ, сонорӣ бо асоси атоналӣ дар силсилаҳои хурди академӣ ёфта, истифодаи ҳамҷояи онҳоро бо василаҳои полифонияи классикӣ, ба монанди муқобилбаёнҳои боздоштӣ ва муҳаррик,

канон, стретто, стреттои магистралӣ, кодетта ва диг. дар фугаҳои классикиву ғайриклассикии дуовоза то панҷовоза ва дар навъи фугаҳои одӣ, дукарата ва ҳатто секарата таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Як нуктаи дигарро низ қайд кардан лозим аст, ки диссертант ҳамеша саъй мекунад, то асари прелюдия ва фугаро ҳамчун силсилаи ягона талқин бидиҳад. Ва ин ҷанбаи мутолиаро доимо дар ҳуш нигаҳ дошта, ҳар як прелюдия ва фугаро аз нуқтаи назари он таҳлил намудааст. Ин аст, ки масалан, дар фугаи C-dur, ки дорои ду экспозитсияи ҷудогона аст, рушди ягонаи драматургиро дар истифодаи стретто мушоҳида намудааст, аз оне ки дар фугаи якум композитор як стретторо ҷой карда, дар фугаи дуюм пайиҳам чаҳор стретторо ғунҷонидааст (дисс. саҳ. 56), ҳарчанде иштироки василаҳои дигарро низ инкор намекунад.

Баҳри ҷустуҷӯи омилҳои пайдо шудани рушди ягона дар силсилаи хурд диссертант пайваста таҳлили асарро бо мушаххассиёти возеҳ амалӣ менамояд.

Хулосаҳои диссертант дар мавриди асарҳои ҷудогона оварда шудаанд. Лекин мутолиаи диссертатсия хулосаи умумиро аён месозад, ки тибқи он композитор Фирӯз Баҳор ҳамеша талоши истифодаи ҳамҷояи унсурҳои классикӣ ва авангардӣ аст. Аз ин рӯ, дар мисоли силсилаҳои хурди академӣ мушоҳидаҳои диссертант аз ҷо доштани прелюдияи атоналии серияӣ-импровизатсионӣ ва фугаи классикӣ (силсилаи F-dur), прелюдияи импровизатсионии озод бо фугаи классикӣ (силсилаи c-moll), прелюдияи ҷазӣ бо фугаи ҷаз (H-dur) ва ҳоказо қайд шудаанд.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таркиботи жанрӣ ва ҳалли композитсионӣ-драматургӣ дар силсилаҳои хурди навъи миллӣ» ба силсилаҳои хурд бар асоси мусиқии суннатии тоҷик (фасли якум), силсилаҳои хурд бар асоси мусиқии халқҳои дигар (фасли дуюм), силсилаҳои хурди миллии навъи декламатсионӣ-импровизатсионӣ (фасли сеюм) ва силсилаҳои хурди навъи портретӣ (фасли чаҳорум) бахшида шудааст. Диссертант силсилаҳои навъи миллиро радабандӣ намудааст. Аз нуқтаи назари диссертант навъи силсилаи хурд барои композитор боз як майдони эҷодӣ ба шумор меравад. Диссертант муайян мекунад, ки композитор онҳоро бо якчанд навъ пешниҳод намудааст. Дар ин ҷо ӯ ҳамчун меъёри радабандӣ ба василаи лаҳнӣ-оҳангӣ бештар такя кардааст, ҳарчанде дар ин бора нагуфтааст. Навъи аввал иқтибосӣ аст. Масалан, ба навъи силсилаҳои хурди иқтибосӣ силсилаи cis-moll (№10)-ро бо сароҳанги суруди халқии «Гулпарӣ», силсилаи h-moll (№6)-ро дар асоси суруди арманӣ ва силсилаи f-moll (№18)-

ро дар асоси оҳанги рақси мардонаи венгерӣ – легенеш муайян намудааст. Навъи дуюм, мутааллиқ ба сохтори кушода ва дар он василаи баёнӣ маҳсуб меёбад. Дар навъи сеюм, диссертант василаи вазн-зарби (метроритм)-ро ба ҳайси меъёр истифода бурдааст. Дар диссертатсия ин меъёрҳо аз тарафи диссертант қайд нашудаанд. Ӯ танҳо амалан онҳоро истифода бурдааст. Ҳамаи меъёрҳое, ки диссертант истифода мебарад, ба унсурҳои асосии мусиқии монодӣ тааллуқ доранд. Аз ин лиҳоз, зери «миллӣ» диссертант қабл аз ҳама мусиқии модарии худро мақбул медонад. Ин аст, ки хулосаҳои диссертант доир ба силсилаҳои хурди миллӣ хеле фарох асоснок карда шудаанд. Масалан, дар баробари меъёри асосӣ қабул кардани унсурҳои мусиқии монодӣ, диссертант дар силсилаҳои хурди миллӣ тагнавозии кластерӣ, муқобилбаёнҳои сонорӣ, тагнавозии сонорӣ, ҳамҷоягии услуби миллии импровизатсионии оҳангӣ бо тагнавозии авангардӣ дар қолаби жанри классикӣ ва бо истифодаи хусусиятҳои полифонӣ, сохтани сароҳанги фугаро дар пайравии найнавозии яккаи суннатӣ ва татбиқи амалии он бо унсурҳои полифонияи классикӣ ном мегирад.

Яке аз масъалаҳое, ки диссертант дар умум хулосабарорӣ кардааст, ба истифода иқтидору хоссагии фортепиано дахл дорад. Дар чунин нукта шакку шубҳа буда наметавонад. Зеро ки ҳам композитор Ф. Баҳор ва ҳам диссертант Убайдзода пианинонавоз ҳам мебошанд.

Диссертант инчунин дар бобати баён, асоси лаҳнӣ-тоналӣ, вазнӣ-зарбӣ, навъи композитсионӣ, аз ҷумла сохторҳои «кушода» ва «пӯшида»-и бузургсилсила хулосаҳои қобили қабулро шаффофона иброз намудааст, ки ҳамаи онҳо дар диссертатсия ва автореферат қайд шудаанд.

Лекин натиҷаҳое ҳастанд, ки аҳаммияти таҳлилро хосса мегардонанд. Аз зумраи чунинҳо, муайян кардани баёни бузургсилсилаи Баҳор ҳамчун полифонӣ-гомофонӣ-гармонӣ-монодӣ. Фаҳмост, ки ин мафҳум шартӣ аст ва барои корбарӣ сохта шудааст. Лекин он моҳияти услуби баёни бузургсилсиларо хеле амиқ ифода кардааст. Бинобар ин, он бурди диссертант аст.

Дар баробари ҳамаи гуфтаҳо, як хати пайвастае дар тули таҳқиқоти диссертатсионӣ ба чашм мерасад, ки он бо забони равони тоҷикии адабӣ навишта шудааст. Аз ҷиҳати илми мусиқишиносӣ дар он амали сохтани истилоҳоти мусиқавӣ ба забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Бояд гуфт, ки нахустин бор истилоҳоти соҳаи полифонӣ ба забони тоҷикӣ истифода шудааст. Ин истилоҳот аз мафҳумҳои одии унсурии полифония, ба монанди «сароҳанг», «муқобилбаён», «муқобилбаёни боздоштӣ», «муқобилбаёни

муҳаррик», тавассути ифодаи василаҳои композитсионӣ-жанрӣ, ба монанди «фугаи дукарата», «фугаи мураккаби секарата», «фугаи одӣ», «фугаи мураккаб» ба хоссагиҳое меоварад, ки онҳоро композитор Ф. Баҳор ба мусиқии тоҷик даровардааст, аз ҷумла, «фуга-мутақориб» ё ба маънои бештар умумӣ «фугаи арӯзӣ», «фуга-бепарвофалак», «фуга-равона». Чунин истилоҳсозӣ ҳамқадами вазъи мусиқишиносии муосири тоҷик мебошад. Ва аз тарафи диссертант муайян кардани ин истилоҳоти полифонӣ барои ҳам таълим ва ҳам пажӯҳиши полифония бениҳоят судманд арзёбӣ мегардад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки таълифи ин кори диссертатсионӣ донишу малакаи таҳлилӣ-таҳқиқии довталаб Б. Убайдзодаро хеле сайқал додааст. Зеро ки бузургасари композитор Фирӯз Баҳор худ як энсиклопедияи илмии мусиқавист ва дарк кардан ва таҳлил намудани он дониши амиқи мусиқишиносиро металабад.

Саволҳо:

1. Чӣ тавре, ки маълум аст ба ин силсила худи муаллиф номи “Рисунки по шелку” ва ба забони тоҷикӣ “Расмҳои рӯи абрешим” додааст. Оё худи муаллиф силсиларо номгузории нав кардааст? Дар бораи ин каме маълумот медодед.
2. Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ба қадри кофӣ ошкор карда нашудааст. оиди асарҳои барои фортепиано навиштаи Ф. Баҳор маълумот додан лозим.
3. Дар бораи истифодаи системаи тоналностҳо дар бузургсилсилаҳо маълумот диҳед ва кадоме аз онҳоро Ф. Баҳор истифода бурдааст.
4. Дар бузургсилсила ғайр аз сароҳанги ВАСН боз ягон монограмма истифода бурда шудааст?

Дар умум, диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва аз нигоҳи илмӣ арзишманд ва ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад. Онро ҳамчун саҳми мушаххас ба мусиқишиносии Тоҷикистон шуморидан мумкин аст. Автореферат ба таври комил муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст. Тарҷумаи русии он комилан бо асли тоҷикӣ як аст. Дар мавриди мавзуи интихоби унвонҷӯ ҳаминро бояд қайд кард, ки он пурра ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи **«Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои таърих, мусиқишинос,
ходими калони илмии шуъбаи таърихи санъати
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Ҳасанова М.М.
«08» июни соли 2026

Суроға: 734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ
E-mail: mahzurah2@mail.ru
Тел.: (+992) 900195196

«Имзои М.М. Ҳасановаро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии АМИТ Файзуллоева Г. Қ.

Суроға: 734001,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
E-mail: itaijt51@mail.ru
Тел.: (+992) 221 42 37
«10» июни соли 2026